# 5.1 (12.00.00) ПРАВО
# 5.1 ҲУҚУҚ
# 5.1 LAW

## 5.1.1(12.00.01) ТЕОРЕТИКО-ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ
## 5.1.1 ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ
## 5.1.1 THEORETICO-HISTORICAL-JURIDICAL SCIENCES

***УДК 34(09)***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-2-5-10***

### ОИД БА НАҚШИ СУД ДАР ТАШАККУЛИ ҲУҚУҚИ МУСУЛМОНӢ (ТАДҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ)

***Обидов Дилшод Солиҷонович,*** *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

### К ВОПРОСУ О РОЛИ СУДА В СТАНОВЛЕНИИ МУСУЛЬМАНСКОГО ПРАВА (ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ И ИСТОРИКО-ПРАВОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ)

***Обидов Дилшод Солиджонович,*** *канд. юрид. наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

### ON THE ISSUE OF THE ROLE OF THE COURT IN THE FORMATION OF MUSLIM LAW (THEORETICAL AND HISTORICAL-LEGAL RESEARCH)

***Obidov Dilshod Solijonovich,*** *candidate of legal sciences, associate professor of the department of theory and history of state and law faculty of law under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *ODS-1976@mail.ru*

*Хусусиятҳои пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқ дар ислом дар иртибот бо нақш ва таъсири қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Вобаста ба ин, назария дар бораи он ки ҳуқуқи мусулмонӣ намунаи инъикоси амали қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ дар асрҳои миёна мебошад, асоснок карда мешавад. Дар ин самт, ба таври махсус мавқеъ ва аҳаммияти суд ҳамчун механизми ташаккулёбӣ ва таъмини ҳуқуқи мусулмонӣ муайян гардида, андеша оиди механизми ягонаи маънидодкунӣ ва татбиқкунии ҳуқуқ будани суд ва институтҳои адолати судӣ дар аҳди исломи бармаҳал мудаллал сохта шудааст. Вобаста ба ин, масоили марбут ба шаклҳои татбиқи адолати судӣ, функсияҳои суд, табиати сарчашмаҳои ҳуқуқии ҷойдошта, нақши институтҳои адолати судӣ дар инкишофи минбаъдаи ҳуқуқи мусулмонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.*

**Калидвожаҳо:** *ислом, ҳуқуқ, қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ, суд, адолати судӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ, мононорма*

*Исследованы особенности возникновения и становления права в исламе с учетом роли и влияния общемировых закономерностей правогенеза. В связи с этим обосновывается взгляд, что мусульманское право выступает примером отражения действия общемировых закономерностей правогенеза в эпоху Средневековья. Особо раскрывается место и назначение суда как механизма становления и обеспечения мусульманского права, обосновывается идея, что суд и институты правосудия выступали единственным механизмом толкования и применения права в эпоху раннего ислама. Исходя из этого, исследованию подвергнуты вопросы, связанные с формами реализации правосудия,*

*функциями суда, природой существующих правовых источников, ролью институтов правосудия в последующем развитии мусульманского права.*

***Ключевые слова:*** *ислам, право, общемировые закономерности правогенеза, суд, правосудие, мусульманское право, мононорма*

*The article examines the features of the emergence and development of law in Islam, taking into account the role and influence of global laws of legal genesis. In this regard, the view is substantiated that Muslim law is an example of the reflection of the action of global laws of legal genesis in the Middle Ages. The place and purpose of the court as a mechanism for the formation and enforcement of Muslim law is particularly revealed, and the idea is substantiated that the court and judicial institutions were the only mechanism for interpreting and applying the law in the era of early Islam. Based on this, the study examines issues related to the forms of implementation of justice, the functions of the court, the nature of existing legal sources, and the role of judicial institutions in the subsequent development of Muslim law.*

***Key-words:*** *Islam, law, global patterns of law genesis, court, justice, Muslim law, mononorm*

Пайдоиши ҳуқуқ яке аз масъалаҳои асосии илми назарияи давлат ва ҳуқуқро ташкил медиҳад. Дар илми анъанавии назарияи давлат ва ҳуқуқ нисбати ин масъала одатан аз нигоҳи марксистӣ баҳо дода мешавад. Методологияи тадқиқи масъалаи мазкур ҳанӯз дар замони давлатдории шуравӣ таҳия ёфта, он ба анъанаи нигоҳи материалистӣ нисбати проблемаи генезиси давлат ва ҳуқуқ такя менамояд. Дар ин самт, ба тадқиқоти шумораи зиёди олимони ҳуқуқшинос, аз ҷумла, А.Б. Венгеров [2, с.65-69], Т.В. Кашанина [4, с.163-209], Ю.А.Дмитриев [10, с.71-76], А.Ф. Черданцев [12, с.63-64], С.Ҳ. Ҳасанов, М.С. Ҳасанов [11, с.40-43] ва дигарон ишора кардан мумкин аст.

Дар замони муосир аз ҷониби як зумра олимон андешаи нав дар бораи зарурати таҷдиди назар нисбат ба масъалаи генезиси ҳуқуқ баён карда шудааст [6; 8, с.80-106; 13; 3]. Аз ҷумла, махсус қайд карда мешавад, ки асосгузорони назарияи марксистӣ оид ба пайдоиши давлат ва ҳуқуқ дар тадқиқотҳои худ қонуниятҳои пайдоиши давлатро таҳлил карда [14], пайдоиши ҳуқуқро танҳо дар партави ин қонуниятҳо мавриди омӯзиш қарор додаанд [8, с.81-82]. Онҳо сабабҳои пайдоиши ҳуқуқро дар иртибот бо давлат мавриди тадқиқ қарор дода, қонуниятҳои пайдоиши ҳуқуқро ба таври алоҳида наомӯхтаанд. Ин яке аз камбудиҳои назарияи марксистӣ нисбати тадқиқи масъалаи генезиси ҳуқуқ мебошад.

Имрӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ нигоҳи нави олимон нисбати тадқиқи масъалаи пайдоиши ҳуқуқ ҷой дорад. Мувофиқи он, назария дар бораи «пайдоиши ҳуқуқ ҳамроҳ бо пайдоиши ҷомеа ва пеш аз давлат» асоснок карда мешавад. Ҷонибдорони ин назария, аз ҷумла Г.И. Муромтсев, аз он бармеоянд, ки барои дуруст дарк кардани қонуниятҳои пайдоиши ҳуқуқ зарурати истифода аз дастовардҳои на танҳо илмҳои ҷамъиятӣ, гуманитарӣ, балки инчунин дигар илмҳо, аз қабили, антропология, физиологияи фаъолияти майнаи олии асаб, генетикаи рафтор, психология ва ғайраҳо ба миён омадааст [8, с.85-89]. Вобаста ба ин, пайдоиши ҳуқуқ бо худи инсон ва ташаккули таърихии ӯ алоқаманд карда мешавад. Яъне, ҳуқуқ дар пайдоиши худ бо инсон ва он ҷараёнҳое, ки дар психика ва организми инсон мавҷуд ҳастанд, алоқаманд карда мешавад. Бинобар ин, қонуниятҳои умумии пайдоиши ҳуқуқ дар олам ҷой доранд. Ин қонуниятҳо дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули таърихии инсон зинаҳои гуногуни генезиси ҳуқуқро ифода мекунанд. Масалан, тибқи ин қонуниятҳо аз азал ба ҳуқуқ тахти таъсири психика ва талаботи организми инсон тамоюли куҳнагароиву анъанапарастӣ ва тамоюли ақлгароиву тағйирпазирӣ хос мебошад. Ҳамчунин, ҳуқуқи аҳди қадим дар шароити тодавлатӣ ба вуҷуд омада, механизми хосаи таъмини худро дошт. Қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси

ҳуқуқ аз он бармеоянд, ки ба ҳуқуқи аҳди қадим ва асрҳои миёна чунин хислатҳо хос буданд: муқаддас будан, часпанда будан, бенуқсон будан, мазмуни абадӣ доштан, тағйирнопазир будан, механизми хосаи таъмин ва ҳимоя доштан. Ин ҳуқук дар давоми садсолаҳо таҳти таъсири муборизаи мутақобилаи ду тамоюли ба ҳам зид дар дохили он: куҳнагароӣ ва тағйирпазирӣ ташаккул ва инкишоф меёбад.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳуқуқи мусулмонӣ ва ё ба истилоҳ ҳуқуқ дар тамаддуни исломӣ яке аз намунаҳои инъикоси қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ дар шароити асрҳои миёна мебошад.

Ҳуқуқ дар тамаддуни исломӣ дар ибтидои асри VII дар шароите ба вуҷуд омад, ки халқи араб дар арафаи гузариш аз сохти авлодӣ ба муносибатҳои синфӣ қарор дошт. Дар ин давра дар ҷомеаи арабҳо муносибатҳои сохти авлодӣ ҳукмрон буданд. Нозил шудани нахустин оятҳои Қуръон (оятҳои сураи 96) тахминан дар соли 610 ҳамчун намунаи пайдоиши ҳуқуқ дар шароити ҷой надоштани давлат дар ҷамъияти арабҳо баромад мекунад. Ба ин ҳуқуқ ҳамон хусусиятҳои ҳуқуқи аҳди қадима, ки онҳоро қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ муқаррар мекунанд, хос мебошад: муқаддас будан, хислати ғайритабиӣ доштан, тағйирнопазир будан, абадӣ будан, часпанда будан.

Дар ташаккул ва ҳимояи ин ҳуқуқ дар ҷомеаи арабҳо дар шароити мавҷуд набудани давлат суд ва институтҳои адолати судӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Худи паёмбар Муҳаммад дар аҳди исломи бармаҳал то замони ташкилёбии давлати мусулмонии арабҳо дар соли 630 ба сифати ҳакими одил машҳур буда, функсияи судиро аввал дар шаҳри Макка ва баъдан дар шаҳри Мадина иҷро менамуданд. Дар ин самт, ҳоло аз аҳди аввали тамаддуни исломӣ таҳти роҳбарии паёмбар пайравон ва саҳобагони машҳури паёмбар ба сифати қозиҳои машҳур функсияҳои судиро дар ҳудудҳои гуногун ба иҷро мерасониданд. Масалан, чунин саҳобагон мисли Умар ибни Хаттоб, Алӣ ибни Абутолиб, Абдуллоҳ ибни Масъуд, Зайд ибни Собит, Убай иби Кааб ва дигарон [1, с.105]. Минбаъд шаҳри Мадина ба маркази инкишофи низоми адолати судӣ дар таърихи тамаддуни исломӣ мубаддал мегардад.

Ба ду сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ дар тамаддуни ислом – Қуръон ва суннат хусусиятҳои асосии ҳуқуқи аҳди қадим, ки қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ муқаррар кардаанд, хос мебошанд. Ин сарчашмаҳои асосӣ бо хислати муқаддаси динӣ, абадият, тағйирнопазирӣ, бенуқсонӣ, часпандагӣ фарқ мекунанд. Чунин хусусиятҳоро мо метавонем ҳамчунин дар сарчашмаҳои ҳуқуқии дигар тамаддунҳои аҳди бостон бубинем, Масалан, дар Таврoти дини яҳудӣ, дар Ведҳои Ҳинди бостон, дар Авастои зардуштиён ва ғ. Чунин умумияти хусусиятҳои ин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дар бораи ҷой доштан ва амал намудани қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ гувоҳӣ медиҳад.

Дар таърихи тамаддуни исломӣ дар шароити мавҷуд набудани давлат суд ва институтҳои адолати судӣ аз рӯзҳои аввал дар шаклгирӣ ва таъмини ҳуқуқи бавуҷудомада нақши фаъол доштанд. Суд дар шаклҳои гуногун, аз қабили фаъолияти ҳакамҳо, фаъолияти волиҳо ва фаъолияти қозиҳо инъикос меёфт.

Ҳуқуқе, ки дар тамаддуни исломӣ дар ибтидои асри VII ба вуҷуд омад, дар худ анъана ва хусусиятҳои аҳди бостонро таҷассум менамуд. Ин ҳуқуқ бениҳоят бо дин, урфу одат, ахлоқ алоқамандии зич дошта, мазмуни часпанда дошт. Масалан, таҳлили матни муқарраротi Қуръон ба хулоса меорад, ки ба онҳо мазмуни мононорма хос мебошад. Мо имрӯз зимни омӯзиши Қуръон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқи мусулмонӣ чунин мешуморем, ки дар Қуръон тахминан 500 оят мазмуни ҳуқуқӣ доранд [7, с.70; 9, с.33]. ҳангоми таҳлили ин оятҳо муайян мешавад, ки меъёрҳои дар онҳо ҷойдоштаро пурра ба ҳуқуқ иртибот додан имконпазир нест. Дар ҳар яке аз чунин меъёрҳо ҳуқуқ бо дин ё ахлоқ ва ё урф ҳамроҳ бо ҳам дар шакли часпандагӣ қарор дорад. Ба сифати мисол, меъёрҳои ояти 188 сураи «Бақара», ояти 33 сураи «Моида», ояти 38 сураи «Моида», ояти 2 сураи

«Нур», оятҳои 4-9 сураи «Нур» ва дигар оятҳои Қуръонро гирифтан мумкин аст [5, 4/9]. Чунин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар давраи аввали амали ҳуқуқи мусулмонӣ ба суд вазифаи гарон дар самти интихоб, таҳлил ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии Қуръон ва суннат нисбати ҳолатҳои юридикии пайдошуда гузошта мешавад. Институтҳои адолати судӣ дар мисоли ҳакамҳо, волиҳо ва қозиҳо ваколат доштанд, ки ин ҳуқуқи муқаддасро таҳлил ва тафсир намуда, меъёрҳои дахлдори онро дар муносибат ба ҳодиса ва казусҳои пайдошуда татбиқ намоянд. Бинобар чунин нақш суд ҳамчун субъекти асосии тафсир ва татбиқи ҳуқуқ баромад мекард. Дар шароити мавҷуд набудани давлат вобаста ба чунин нақш мавқеи суд дар ҳаёти ҷамъиятӣ пурзӯр гардида буд. Ҳатто баъди пайдоиши давлат низ чунин хусусиятҳои институти адолати судӣ асосан боқӣ мемонанд. Бо ҳамин сабаб баъди ваколати асосии худ – татбиқ намудани адолати судӣ қозиҳо ҳамчунин дар ҷомеа дигар функсияҳоро иҷро мекарданд. Масалан, функсияи маънидод ва амалигардонии ҳуқуқ, функсияи бастан ва бекор кардани никоҳ, ҳимояи молу мулки ятимон ва дигар аъзоҳои осебпазири ҷомеа, функсияҳои назоратӣ дар бозорҳо ва ғ.

Таҳти чунин нақши суд ҳуқуқи мусулмонӣ дар аҳди исломи бармаҳал ташаккул ва инкишоф меёфт. Суд ягона воҳиде буд, ки тавассути он ин ҳуқуқ сайқал ёфта, ба муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мутобиқ мегардид. Зеро, дар чунин суд олимони забардаст ва машҳури аҳди исломи бармаҳал ҳамчун додгустар фаъолият дошта, ҳуқуқро тавассути иҷтиҳод сайқал ва инкишоф медоданд. Баъдтар дар заминаи чунин фаъолияти онҳо мактабҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, фаъолияти додгустарӣ, ҳуқуқтафсиркунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии ду қозии машҳури аҳди исломи классикӣ – Алӣ ибни Абутолиб ва Абдуллоҳ ибни Масъуд минбаъд барои таъсис ёфтани нахустин мактаби ҳуқуқӣ дар таърихи ислом – мактаби аҳли раъй дар шаҳри Кӯфаи Ироқ оварда мерасонад. Зинаи минбаъдаи инкишофи ин мактаб дар асри VIII мактаби ҳуқуқии ҳанафия мегардад.

Дар раванди ташаккул ва шаклгирии ҳуқуқи мусулмонӣ суд на танҳо механизми тафсир ва татбиқи ҳуқуқ буд. Он инчунин нақши таъмин ва ҳимояи ин ҳуқуқро иҷро мекард. Зеро, ҳуқуқи мусулмонӣ дар шароити мавҷуд набудани давлат ва пеш аз давлат ба вуҷуд омада буд. Суд ва адолати судӣ, ки таърихан аз ҳуқуқ ва давлат хеле барвақт ба вуҷуд омада буданд, нисбати ҳуқуқи мусулмонӣ ба сифати механизми таъмин ва ҳимояи он баромад менамуданд. Чунин ҳолат ҳатто чанд муддат баъди ташкилёбии давлат низ ба назар мерасид.

Дар натиҷаи тадқиқи масъалаи номбурда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бояд дар илми ватании назарияи давлат ва ҳуқуқ масъалаи омӯзиши ҳуқуқ вобаста ба дастовардҳои муосири илмӣ дар ин самт ҷараён гирифта, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ оид ба масъалаи генезиси ҳуқуқ дар китобҳои дарсӣ саривақт инъикос карда шаванд. Мутаассифона, дар аксари китобҳои дарсӣ то ҳол таъсири пурзӯри назарияи марксистӣ оид ба пайдоиши ҳуқуқ ба назар мерасад. Илова бар ин, зарур аст, ки сабаби дар китобҳои дарсӣ оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ мавҷуд набудани боб ё зербоби алоҳида дар бораи пайдоиши ҳуқуқ дар тамаддунҳои динӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла яҳудия, насрония ва ислом муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, суд дар таърихи ҳуқуқи мусулмонӣ ба сифати механизми таҳаввул ва таъмини он баромад карда, чунин нақши худро то замони ба сатҳи инкишоф расидани давлат ва пайдоиши мактабҳои ҳуқуқӣ иҷро менамояд.

Дар шароити набудани давлат суд ягона воҳиде буд, ки тавассути таъсири он аз меъёрҳои хислати мононорма доштаи сарчашмаҳои асосии ҳуқуқӣ мусулмонӣ – Қуръон ва суннат ҳуқуқ ҷудо мегардид. Чунин ҷараён дар муддати зиёд аз 300 сол аз ибтидои асри VII то асри X давом карда, аммо пурра ба анҷом нарасид. Бинобар ин, таҳлили асарҳои фиқҳии пас аз асри X навишташуда ба хулоса меорад, ки меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ баъди чунин давраи тӯлонии инкишофи худ новобаста аз таъсири адолати судӣ ва

фаъолияти меъёртафсиркунии фақеҳони барҷастаи мактабҳои ҳуқуқии гуногун хусусиятҳои асосии аввалаи худро нигоҳ медоранд.

Лозим ба ёдоварист, ки ислом ва тамаддуни динӣ-ҳуқуқии он дар ибтидои асри VII дар шароите ба вуҷуд омаданд, ки аллакай механизми адолати судӣ дар ҷамъият мавқеи устувор дошт. Дар шароити набудани давлат ин механизм мустақилона амал мекард ва он воситаи асосии татбиқи меъёрҳои мононорма буд. Ислом чунин қолаби тарҳрезии меъёрҳо ва татбиқи адолати судиро қабул намуд ва онро вобаста ба таълимоти ҳуқуқии худ инкишоф дод. Пас, анъанаи бе давлат, мустақилона таҳти таъсири ҳуқуқ ташаккул ёфтани адолати судӣ аз аҳди қадим мавҷуд буд.


***ПАЙНАВИШТ:***

1. *Абубакр Мухаммад ибн Халаф ибн Ҳайян ибн Садаката аз-Забиййил ал-Бағдоди ал-мулаққаб бил Вақеъ. Ахбор-ул-қузот. – табъи 1. – Ҷ.1. – Мактаба Тиҷория Кубро, 1366(х)/1947. – 374с.*
2. *Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник /А.Б. Венгеров. – 13-е изд., стер. – Москва: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2019. – 607с.: табл.*
3. *Дробышевский С.А. Политическая организация общества и права как явления социальной эволюции. Монография / С.А. Дробышевский. – Москва: Проспект, 2021. – 272 с.*
4. *Кашанина Т. В. Происхождение государства и права / Т. В. Кашанина. – Москва: Проспект, 2024. – 304 с.*
5. *Коран /Перевод смыслов Э.Р. Кулиева. Издание пятое, исправленное и дополненное. – Москва: Издательский дом «УММА», 2004. – 688 с.*
6. *Мальцев Г.В. Пять лекций о происхождении и ранних формах права и государства / Г.В. Мальцев. – Москва: Изд-во РАГС, 2000. – 190 с.*
7. *Массэ А. Ислам. Очерк истории /Перевод с французского. Издание 3-е / А. Массэ.- Москва: Наука, 1982. – 191с.*
8. *Муромцев Г.Н. Мусульманское право в контексте правогенеза / Г.Н. Муромцев // Право. Журнал Высшей школы экономики, 2021. - №1. – С.80-106.*
9. *Остроумов Н.П. Исламоведение / Н.П. Остроумов. – Ташкент, 1912. – 158 с.*
10. *Теория государства и права: учебник /Пиголкин А.С., Головистикова А.Н., Дмитриев Ю.А., Саидов А.Х./Под. ред. А.С. Пиголкина. – Москва: Юрайт-Издат, 2006. – 613с.*
11. *Ҳасанов С.Ҳ., Ҳасанов М.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Шах, 2005. – 412 с.*
12. *Чердянцев А.Ф. Теория государства и права: учебник для вузов / А.Ф. Чердянцев. — Москва: Юрайт-М, 2002. – 432с.*
13. *Честнов И.Л. Теория государства и права: учебник /И.Л. Честнов. – Москва: ИНФРА-М, 2018. – 233с.*
14. *Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. – Москва: Издательство Московского университета, 1987. – 84 с.*

***REFERENCES:***

1. *Abubakr Muhammad ibn Khalaf ibn Khayan ibn Sadakata az-Zabiyyil al-Bagdodi al-mulakkab bil Vake. Akhbor-ul-kuzot. – Edition 1. – V.1. – Commercial Publishing House Kubro 1366 (h) /1947. – 374 pp.*
2. *Vengerov A.B. Theory of State and Law: Textbook /A.B. Wengerov. -13th ed., erased. - M.: Publishing and trade corporation «Dashkov and K», 2019. - 607 pp.*
3. *Drobyshevsky S.A. The Political Organization of Society and Law as a Phenomenon of Social Evolution. Monograph. – M.: Publisher: Prospekt, 2021. – 272 pp.*
4. *Kashanina T.V. The Origin of State and Law. – M.: Prospect, 2024. – 304 pp.*

5. *Koran /Translation of the meanings. E.R. Kuliev. The fifth publication, amended and supplemented. – M.: Publishing House «Umma», 2004. – 688 pp.*
6. *Maltsev G.V. Five Lectures on the Origin and Early Forms of Law and State. -M.: Publishing House of the RAGS, 2000. - 190 pp.*
7. *Masse A. Islam. Essay on history /translation from French. Edition 3. - M.: Nauka, 1982. – 191 pp.*
8. *Muromtsev G.I. Muslim Law in the Context of Law Genesis // Law. Journal of Higher School of Economics, 2021. – № 1. - 80-106 pp.*
9. *Ostroumov N.P. Islamic Studies. – Tashkent, 1912. – 158 pp.*
10. *Theory and Law: Textbook /Pigolkin A.S., Golovistikova A.N., Dmitriev U.A., Saidov A.Kh. /Under. Ed. A.S. Pigolkin. - M.: Publishing House U-write, 2006. - 613 pp.*
11. *Khasanov S.Kh., Khasanov M.S. Theory of State and Law. Textbook. – Khujand: Publishing House Shah, 2005. – 412 pp.*
12. *Cherdantsev A.F. Theory of State and Law: a textbook for Universities. - M.: Yuraite, 2002. - 432 pp.*
13. *Chestnov I.L. Theory of State and Law: Textbook /I.L. Chestnov. - M.: Infra-M, 2018. – 233 pp.*
14. *Engels F. The Origin of the Family, Private Property and the State. – M.: Publishing House of Moscow University, 1987. – 84 pp.*